“Тасдиқ мекунам”
Ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Қурбонзода Маҳмадали Раҳмат
______________________
“___” ___________________ 2026 с.

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ба диссератсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи “Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пешгниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссератсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба таҳқиқу баррасии истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст ва барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти** диссертатсионии Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи “Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” дар он зоҳир мегардад, ки илми забоншиносӣ дар баробари дигар масъалаҳо, таҳлилу баррасии вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро мавриди таҳқиқ қарор дода, донишҳои забоншиносии худро дар заминаи таърихии он ташаккул диҳад. Зеро масъалаҳои муҳимму афзалиятноки таҳқиқоти илми яке аз самтҳои арзишманд маҳсуб ёфта, дар шароити имрӯза таҳқиқу баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани он яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Аз ин нуқтаи назар, муҳаққиқонро водор месозад, ки дар заминаи омӯзиш ва дастовардҳои муҳим ба пажуҳиши ин самтҳо пайваста сайъю талош намоянд. Дар ин раванд, дар илми забоншиносии муосири тоҷик низ таҳлилу баррасӣ намудани мавзуъҳои мубрами камомӯхташуда яке аз вазифаҳои асосии олимону муҳаққиқон ба шумор меравад.

Қобили зикр аст, ки то имрӯз ҳарчанд доир ба ин самт аз ҷониби забоншиносони тоҷику англис таҳқиқоти зиёде анҷом дода шуда бошад ҳам, вале роҷеъ ба хусусиятҳои аломатҳои китобат, хусусиятҳои сохториву маъноӣ, вазифаҳои сохторию маъноии аломатҳои китобат ва умумияту тафовути корбурди аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикиву англисӣ дар бахшу гурӯҳҳои мушаххас кори алоҳидаи таҳқиқӣ ба анҷом нарасидааст.

Аз ин лиҳоз, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тасмим гирифта шудааст, ки вобаста ба таърихи ташаккул ва рушди хат ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ дар асоси манбаъҳои бостонӣ, асрҳои миёна ва даврони муосир кори таҳқиқӣ ба анҷом расонида шуда, тавассути он тарзу истифодаи аломатҳои китобат дар ду забон, яъне тоҷикиву англисӣ ба таври мушаххас таҳлил ва баррасӣ намуда шавад.

**Дараҷаи асоснокқунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Натиҷаҳои тадқиқоти унвонҷӯ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷаллаву конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ интишор гардидааст.

Хулосаҳои муаллиф оид ба амалисозии мавзуи мазкур, маводди аслӣ аз адабиёти бадеӣ ва адабиёти гирдоваришуда буда, илман асоснок карда шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиши маводди мазкур муайян карда шуд, ки роҳу усулҳои ташаккули назарияи аломатҳои китобат ва тамоюлоти асосии он, аз ҷумла, вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забоншиносии тоҷику англис аз нигоҳи илми муосири забоншиносӣ ба таври ҷудогона таҳқиқ гардида ба анҷом расидааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2020, №647)” иртибот дорад. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи филологияи англиси факултети равияи омӯзгории забони англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мебошад ва ба мавзуъҳои таҳқиқи илмӣ робитаи зич дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда** аз он иборат аст, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии аломатҳои китобат, навъ ва хусусиятҳои онҳо, шиносоӣ бо аломатҳои китобат, истифодаи дурусти онҳо ва мукаммалтар кардани низоми тому яклухти тасаввурот дар бораи онҳо арзёбӣ шуда, мушаххасоти он муайян гардидааст. Кори таҳқиқотии мазкур аввалин маротиба дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ дар шакли таҳқиқи алоҳидаи илмӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст вижагиҳои асосии муқоисавии аломатҳои китобат, мавриди баҳси илмӣ қарор ґирифта, хусусиятҳои хоси аломатҳои китобат, умумият ва тафовути онҳо дар муқоиса нишон дода шудааст. Илова бар ин, хусусиятҳои сохторию маъноии аломатҳои китобат, вазифаҳои функсионалӣ ва нақши онҳо дар ташкили нутқи хаттӣ ба риштаи пажуҳиш даромадаанд

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия,** дар он зоҳир гардидааст, ки таҳлил ва таҳқиқи вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавонанд ҳангоми коркарди масъалаҳои мубрами грамматикӣ дар заминаи таҳқиқи муқоисавӣ истифода гарданд. Инчунин, натиҷаҳои онро ҳангоми таҳияи дастури таълимӣ аз фанни пунктуатсияи муқоисавӣ, маҷмуаи машқҳо оид ба наҳв ва пунктуатсияи муқоисавӣ, луғати имлои дузабона, барномаҳои таълимӣ истифода кардан мумкин аст. Дар диссертатсия маводди иловагӣ барои

баррасии бархе аз масъалаҳои восита ва аломатҳои забонҳои мавриди таҳқиқ ба таври муқоисавӣ пешниҳод шудааст, ки метавонанд ҳамчун сарчашмаҳои асосии пажуҳиш ва омӯзиши минбаъда дар ин самт накше дошта бошанд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар ҳаллу фасли баъзе бахшҳои семиотика, махсусан, доир ба омӯзиши масъалаҳои мухталифи марбут ба шохаҳои забоншиносӣ, аз ҷумла, забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ ва услубшиносӣ истифода гардад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Матни диссертатсия ҳадафҳои диссертантро пурра инъикос намуда, мутобиқ будани ҳаҷми диссертатсия, коркарди нуктаҳои асосии таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ ва натиҷагириву хулосабарориҳое, ки дар заминаи сарчашмаҳои таҳқиқшуда муайян карда шудаанд, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро собит менамояд. Ҳамзамон, масъалаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмиву амалӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-назариявии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода баён гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муҳаққиқро дар ҷараёни таҳқиқ ба даст овардани мавод вобаста ба мавзуи диссертатсия ва корҳои зерини анҷомдода дар бар мегирад: а) интихоби мавзуъ; б) муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ; в) таҳлили шарҳи назариявии адабиёти илмии мансуб ба мавзуи пажуҳиш, яъне вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ; г) ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани маводҳои бадастомада аз сарчашмаҳои гуногун; д) муайян намудани мавқеи аломатҳои китобат ва интонатсия; е) нишон додани вижагиҳои ба ҳам монанд ва фарқкунанда дар мавриди таҳлили вижагиҳои аломатҳои китобат; ё) хулосаву пешниҳодҳои мушаххас, ки аз натиҷаи таҳқиқ ба даст омадаанд.

Таҳқиқи кори мазкур натиҷаи пажуҳиши мустақилонаи муаллифи он мебошад. Инчунин, муаллиф дар кулли давраҳои таҳқиқ аз ҷамъоварии мавoдди илмӣ, омӯзиши манбаъҳои назариявӣ бо назардошти таҳлилу таҳқиқи онҳо мустақилона ва бевосита иштирок намуда, корҳои илмии донишмандони ватанӣ ва хориҷиро, ки бевосита ба мавзуъ иртибот доранд, мавриди баррасӣ ва пажуҳиш қарор додааст. Диссертант мавзуи мавриди назар, яъне таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобатро дар забонҳои тоҷикию англисӣ дар самти забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бо саъйю кӯшиши диссертант умумият ва фарқияти мавридҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои муқоисашаванда бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Докторанти (PhD) муаллифи 13 мақолаи илмӣ марбут ба кор мебошад, ки 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ ба чоп расонидааст. Интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар

мегиранд. Дар мақолаҳои илмии муаллифи рисола мухтавои тадқиқот ба таври лозима инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидаи он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсияи ба тақриз пешниҳодгашта аз муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 184 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмет, манбаъҳо, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **“Заминаҳои назариявии хусусиятҳои аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** ном дошта, шомили чаҳор фасл аст.

Муаллиф дар фасли якум перомуни “Маънохои луғавӣ ва истилоҳии пунктуатсия” маълумот додааст. Вай чунин натиҷагирӣ намудааст, ки дар шарҳи маънои луғавии вожаи “пунктуатсия” дар миёни забоншиносон ҳеҷ ихтилофи назар нест, магар ин ки дар баъзе забонҳо, мумкин аст маънохои иловагӣ касб кунад ё бинобар вожаи бегона будан, хеле кам ба кор гирифта шавад, ё умуман истифода нашавад. Аммо дар шарҳи истилоҳии пунктунтсия, баъзан дидгоҳҳо аз ҳам тафовут доранд.

Вижагии кори хуби муаллиф аз он иборат аст, ки вай дар ин фасл аслан дар доираи ду мавзуъ – маънои луғавӣ ва шарҳи истилоҳии пунктуатсия сухан рондааст. Ҳар яке аз ин бахшҳои диссертатсия чунон сохта шудаанд, ки масъалаи нав натиҷаи мантиқии мавзуи пешина мебошанд.

Дар мавриди тавзеҳи дурусти истилоҳи “пунктуатсия” муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки пунктуатсия барои таҷзия кардан ва наҳвӣ сохтани матнҳои хаттӣ ёрӣ мерасонад. Вале “аломатҳои миёнисатрӣ” (подстрочные знаки), ҳамон аломатҳо ва ҳаракатҳои ёридиҳандае, ки барои дуруст хондану дуруст дарк кардани матлаб, бахусус, дар хатти арабӣ ба кор мераванд, ҳамчун аломатҳои пунктуатсионӣ донистан дуруст нест.

Дар диссертатсия фикру андешаҳои зиёди донишмандон ва далелҳо оварда шуда, вазифа ва хусусияти пунктуатсия нишон дода шудааст.

Зимни омӯзишу таҳлили осори илмии донишмандони соҳаи забоншиносӣ роҷеъ ба мавзуи мавриди назар, муаллифи диссертатсия ба чунин хулоса расидааст, ки қоидаҳои корбурд ва ҷойҳои аломатҳои пунктуатсионӣ дар нутқи хаттии ҳар забон, дар баробари имло ва нигориши он ҷузъҳои аслии нутқи хаттӣ дониста мешаванд. Яъне мутобиқи дастури забон ҳатмӣ буда, риоя накардани он иштибоҳ ба ҳисоб меояд.

Умуман, муаллиф барои ҳаллу фасл намудани масъалаҳои дар пеши худ гузошта сарчашмаҳои зиёди адабиву илмиро ҷалб кардааст, ки бидуни онҳо баррасии ин мавзуъ мумкин набуд.

Дар фасли дуюми боби аввал "Таърихи ташаккул ва рушди хат ва аломатҳои китобат" масъалаҳои даврабандии ташаккули хатту нигориш бо далелҳои таърихӣ, нақли ривоёту устураҳо оид ба пайдоиши хат ва баъзе аз дигар хусусиятҳои "пунктуатсия" баён шудаанд. Пайдарпайии таърихии пайдоиши аломатҳои китобат ва низоми таҳаввулу ташаккули онро низ муҳаққиқ дуруст таъйин намудааст.

Фасли сеюми боби аввали диссертатсия ба "Аҳаммияти аломатҳои китобат дар ифодаи мақсад" ихтисос дорад ва муаллиф дар он ҷо таъкид намудааст, ки набудани пунктуатсия дар ҳама гуна хатти алифбоӣ дарку фаҳми онҳоро бисёр мушкил мекунад, чунончи ин мушкил ҳанӯз ҳам дар баррасии осори хаттии бостон (дар аксар забонҳо) мавҷуд аст.

Фасли охири боби аввал "Ташаккули назарияи аломатҳои китобат ва тамоюлоти асосии он дар забоншиносии муосир" унвон дошта, масъалаҳои назарияи пунктуатсияи забоншиносии муосир ва равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ бахшида шудааст. Аз нуқтаи назари иртиботи нутқ дар феҳристи хаттӣ ва аҳаммияти аломатҳои пунктуатсия дар амал таносуби аломати пунктуатсия ва мавқеи пунктуатсия, пойгоҳи афзалиятноки аломатҳои китобат, ифодаи аломатҳои китобат, иқтидори семантикии пунктуатсия, пунктуатсияи матнҳои гуногун барин масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Равиши коммуникатсионӣ-прагматикӣ ба дарки гуногунрангии функсионалии фаъолиятҳои пунктуатсия, масалан истифодаи аломатҳои пунктуатсия дар муоширати компютерӣ мусоидат мекунад.

Дар боби аввали диссертатсия тамоми масъалаҳои гузошташуда таҳқиқ шудаанд ва муаллифи диссертатсия факту далелҳои тозаеро дар асоси таҳлилу ҷӯстуҷӯ барои нишондоди даврабандӣ ва рушди аломатҳои китобат дарёфт карда, ба ахбори мавҷуда афзудааст.

Боби дуюми кор **"Вазифаҳои сохторию маъноии аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** унвон дошта, аз се фасл иборат аст.

Муаллиф дар фасли аввали боби дуюм "Хусусиятҳои хоси аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ"-ро таҳлил намуда, мақсади маълум кардани нақши онҳоро дар ҷумлаоройӣ ва дуруст расонидани матлаб пайгирӣ менамояд. Ӯ меафзояд, ки аломатҳои китобат се ҷанба доранд: маъноӣ (ё мантиқӣ), дастурӣ (ё грамматикӣ) ва оҳангӣ (ё интонатсионӣ). Вазифаи асосии ин се ҷанба ба тариқи хаттӣ дақиқ ифода кардани мақсад ва аз тарафи хонанда равшан дарк намудани муҳтавои асосии матлаби нигошташуда аст.

Фасли дуюми ин боб ба "Хусусиятҳои хоси аломатҳои китобат дар забони англисӣ" рабт дошта, дар он вижагиҳои пунктуатсияи англисӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф дар ин фасл ба ин натиҷа расидааст, ки ҷиҳати маъноии низоми аломатҳои китобат дар шакли принсипҳои гуногун (ва ё асосҳо)-и пунктуатсия зоҳир мегардад, ки таносуб ва робитаи фуксионалии онҳо, тавре ки дониста мешавад, дар забонҳои гуногуннизоми мавриди таҳқиқ якхел нест.

Фасли ниҳоии боби дуюм “Аломатҳои китобати маъмул дар матн” номгузорӣ шуда, муаллифи диссертатсия ба тавзеҳи аломатҳои китобат, ҷою вазифаҳои онҳо дар матн ва инчунин, мушкилоти аломатгузорӣ баҳс оростааст, ки ҷолиби таваҷҷуҳ аст.

Боби сеюми диссертатсия **“Аломатҳои китобат дар забони англисӣ ва умумияту тафовути корбурди онҳо дар забони тоҷикӣ”** номгузорӣ шуда, дар се фасл таҳия гардидааст.

Фасли аввали боби охирини диссертатсия ба “Таҳлили корбурдӣ-функсионалии аломатҳои китобат дар забони англисии муосир” бахшида шуда, муаллиф дар ин фасл ҳамаи 14 аломати китобати англисиро муфассал таҳлил карда, бо овардани мисолу намунаҳои зиёд, мавқеи корбурд ва вазифаҳои пунктуатсияи англисиро нишон додааст.

Фасли дуюми диссертатсия таҳти унвони “Истифодаи аломатҳои китобат дар дискурси компютерӣ” ном дошта, муаллифи ҷанбаҳои аломатҳои китобатро дар дискурси компютерӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Фасли сеюми ин боб “Умумият ва тафовути корбурди аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ном дошта, диссертант илова бар таҳлили муфассали аломатҳои китобати тоҷикӣ, омезишу таҳаввули аломатгузории муосирро низ ёдрас гардидааст.

Диссертатсияи анҷомдодаи Давлатзода М.С. таҳти унвони **“Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** саҳми вижаи ӯро дар таҳлили муқоисавию таърихии пунктуатсия махсус нишон медиҳад. Бахусус, дар замони муосир, ки бо ворид шудани компютер дар ҳама ҷанбаҳои коргузорӣ ва аз тариқи технологияи нави замонавӣ омезиш ёфтани фарҳангҳову тамаддунҳо ба ҷаҳонишавӣ мекашонанд, мушаххас намудани марзҳои забонӣ бисёр муҳим аст.

Дар навбати худ унвонҷӯ фикру андешаҳои муҳаққиқони варзида А. Эшонҷонов, С. Шербоев, Ғ. Маликов, Х. Ҳусейнов, Д. Хоҷаев, Ш. Кабиров, У. Обидов, Ш. Каримов, Т. Шокиров, Б. Камолиддинов, Г. Камолова ва дигар муҳаққиқонро оид ба масъалаҳои аломатҳои китобат овардааст.

Муаллифи диссертатсия зикр намудааст, ки корбурди илми семиотика дар забоншиносии тоҷик дар даврони Истиқлол бештар бо забони тоҷикӣ ба мушоҳида мерасад, зеро дар ин давра яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи забоншиносон ин ба меъёрҳои забони тоҷикӣ мутобиқ гардонидани аломатҳои китобат, калимаву ҷумлаҳо ба шумор меравад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссератсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи “Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу зербобҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандарт ва таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Автореферати диссератсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос менамояд ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ буда, ифодакунандаи муҳтавои диссертатсия

мебошанд. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои назаррас ба диссератсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи "Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" баъзе пешниҳоду эродҳоро пешниҳод менамоем, киислоҳи онҳо ҳусни корро меафзояд:

1. Хуб мешуд, ки диссертант баъд аз баррасии мавзуъ дар охири ҳар боб хулосаҳои худро ҷамбаст ва натиҷагирӣ менамуд.

2. Боби аввали диссертатсия дар муқоиса бо ду боби дигари диссертатсия кам мебошад. Хуб мешуд, ки таносуби бобҳо риоя мегардид.

3. Дар таҳлил, усули муқоиса риоя нагардида, мисолҳо танҳо дар забони асл оварда шудаанд. Агар дар баробари забони асл, тарҷума низ оварда шуда, умумият ва тафовути корбурди аломатҳои китобат дар алоҳидагӣ шарҳ мееёфтанд, ҷанбаи илмии диссертатсия бештар мешуд (саҳ. 29, 59, 63, 64 ва ғ.).

4. Манбаъ ва мансубияти иқтибосоти дар дохили кор овардашуда, ба таври дақиқ нишон дода нашудааст (саҳ. 42, 58, 60, 68, 79 ва ғ.).

5. Дар диссертатсия ва автореферат ғалатҳои китобат ва имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Дар маҷмуъ, эродҳои ишорашуда ҷузъӣ буда, аҳаммияти илмии таҳқиқоти анҷомдодашударо коста намегардонад, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи пешниҳодгардида дар сатҳи зарури анҷом ёфта, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаҳои дар диссертатсия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Муаллифи диссератсия натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар 13 банд ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳаммияти назарӣ ва амалӣ холӣ нестанд.

Бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи "Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи назария ва типологияи забони англисии факултети забонҳои хориҷии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Кабиров Лутфулло Абдусаломович омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи назария ва типологияи забони англисӣ, суратҷаласаи тахти №2 аз 03.09.2026 муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст.

**Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд:** 11 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ 11 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 11 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи назария
ва типологияи забони англисии
факултети забонҳои хориҷии МДТ
“Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав”,
номзади илмҳои филологӣ Олматова Шарофат Сафаралиевна

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои филологӣ,
саромӯзгори кафедраи назария
ва типологияи забони англисии
факултети забонҳои хориҷии МДТ
“Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав” Кабиров Лутфулло Абдусаломович

**Котиби илмии ҷаласа:**
омӯзгори кафедраи назария ва типологияи забони
англисии МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав” Муродов Исмоил Саидович

Имзоҳои Ш.С. Олматова, Л.А. Кабиров
ва И.С. Муродовро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ«ДДБ ба номи Носири Хусрав» Исҳоқзода Муслиҳиддин Маҳмараҷаб

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
Тел: +992 (83222) 02-45-20; 02-22-53
E-mail: bgu1978@mail.ru
Сомона: www.bgu.edu.tj

“3” 09 соли 2026